# Осор ва паёмадҳои гуноҳ

[Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Таҳия ва тарҷумаи:

Муҳаммадазиз Раҷабӣ

2014 - 1435

IslamHouse.com

# عواقب الذنوب و المعاصي

«باللغة الطاجيكية»

إعداد وترجمة: محمد عزيز رجب

2014 - 1435

IslamHouse.com

## Осор ва паёмадҳои гуноҳ

Имом ибни Қаййими Ҷавзӣ дар китоби пурарзиши худ «الداء و الدواء Дарду дармон», ки махсус дар ин мавзуъ навиштааст (яъне мавзуъи гуноҳ ва маъсият) ва аз ҳақиқату моҳияти гуноҳ ва анвоъи он ва усули он ва мадохилу асбоби он ва паёмадҳои он сухан кардааст, чунин меорад:

«Гуноҳу маъсият он қадар осори қабиҳ ва мазмуму зарароваре бар қалбу ҷисми инсон дорад дар ин дунё ва охират, ки ҷуз Аллоҳ таъоло онро касе намедонад.

**Аз ҷумла:**

**1. Маҳрумият аз илм.**

Илму дониш нуре ҳаст, ки Аллоҳ таъоло дар қалбҳо мегузорад, ва гуноҳ ин нурро хомӯшкунанда ҳаст.

Чун Имом Шофеъӣ назди Имом Молик нишаст (барои талаби илм), имом Моликро аз заковат ва камоли фаҳми Шофеъӣ хушаш омад, ва гуфт:

إني أرى الله قد ألقى على قلبك نورًا، فلا تطفئه بظلمة المعصية

Мебинам, ки Аллоҳ таъоло бар қалби ту нуре фикандааст, пас барҳазар бош, ки бо торикии маъсият онро хомуш нагардонӣ. *(Торихи Димашқ, 51/286).*

Ва ҳамчунин имом Шофеъӣ гуфтааст:

شكوتُ إلى وكيعٍ سوءَ حفظي ••• فأرشدَني إلى ترك المعاصي

وقال اعلَمْ بأنَّ العلمَ فضلٌ ••• وفضلُ الله لا يؤتاه عاصِ

«Ба Вакиъ аз бадии ҳофизаам шикоят бурдам,
Ӯ маро ба тарки гуноҳон васият кард.
Гуфто: бидон, ки илм фазилат аст,
Ва фазли илоҳиро ба гунаҳкорон нахоҳанд дод.»
*(Девони имом Шофеъӣ).*

**2. Маҳрумият аз ризқу рӯзӣ.**

Дар Муснад омадааст, ки:

إنّ العبد لَيُحْرَمِ الرزقَ بالذنب يصيبه

«Банда аз сабаби гуноҳаш аз ризқ маҳрум мешавад».

Чуноне ки тақво ва парҳезгорӣ сабаби ҷалби арзоқ мебошад, ҳамчунин тарки тақво сабаби ҷалби фақру нодорӣ ҳаст. Ва аз тарки гуноҳ дида ҳеҷ чизе ҷалбкунандатари ризқи Аллоҳ нест!

**3. Ваҳшат ва танҳоие, ки инсони гунаҳкор дар қалби хеш меёбад. (Танҳо будан ва дур будан ва гурезон будан аз Аллоҳ таъоло).**

Агар тамоми лаззоти ин ҷаҳонро барояш фароҳам оварда шавад ҳам, ин ваҳшат ва танҳоиро

бартараф намудан натавонад. Ва ин ҳақиқатро танҳо касе эҳсос мекунад ва пай мебарад, ки дар қалбаш ҳаёте дорад. Ва аммо «шахси мурда аз ҷароҳат хабаре надорад ва дарди онро эҳсос нахоҳад кард».

Пас, агар инсоне танҳо ба хотири тарс аз ин ваҳшат гуноҳро тарк кунад ҳам, ҳар оқилро маълум аст, ки меарзад.

Марде аз чунин ваҳшат дар руҳу равони хеш ба баъзе аз орифин (инсони солеҳ ва парҳезгору донишманд) шикоят бурд. Ориф гуфт:

إذا كنتَ قد أوحشتك الذنوبُ ••• فدَعْها إذا شئتَ واستأنِسِ

«Агар гуноҳҳо туро ба ваҳшат овардаву ин танҳоиву тангиро бароят сохта бошанд, пас он гуноҳҳоро бигзор агар мехоҳӣ, ва унс бигир (бо Худованд)».

(Ва Қозӣ АбуБакр Ар-Риҷонӣ чунин сурудааст:

أساتَ فاصبحتَ مستوحشا ••• فأحسِنْ متى شئتَ واستانِسِ

Бадӣ кардиву дар ваҳшат уфтодӣ,
Пас ҳар гоҳ, ки хостӣ, некӯӣ кардаву унс бигир).

Ва ҳеҷ чизе талхтар ва сангинтар бар қалби инсон аз ваҳшати гуноҳ бар гуноҳ нест, Аллоҳул-мустаъон!

**4. Ваҳшат ва танҳоӣ ва дурӣ миёни инсони гунаҳкор ва миёни мардум, ба хусус инсонҳои солеҳ.**

Инсони гунаҳкор байни худ ва аҳли хайр ваҳшат ва дурӣ мебинад, ва ҳар қадар ки ин ваҳшат қувват гирифт, ҳамон қадр аз муҷоласати эшон дур мегардад ва аз баракати нафъи эшон маҳрум мемонад. Ва ба қадри наздик гаштанаш ба ҳизби шайтон, аз ҳизби Раҳмон дур мегардад.

Ва ин ваҳшат чунин қувват гирифтаву мустаҳкам мешавад, ки байни хеш ва ҳамсараш ва фарзандонаш ва наздиконаш ваҳшат мебинад, ва ҳатто байни худ ва нафси худ. Мебинӣ, ки ҳатто аз худаш дар ваҳшат аст!

Баъзе аз салафи солеҳ гуфтааст:

إني لأعصي الله، فأرى ذلك في خُلُق دابّتي وامرأتي

«Ба ростӣ, ҳар гоҳ ки Аллоҳро нофармонӣ кардам, осори онро дар рафтору хулқи ҷонвари савориям ва ҳамсарам мебинам».

(Ва ин аз каломи Фузайл ибни Аёз аст, ки дар Ҳилятул-авлиё (8/109) чунин меорад:

(أعرف ذلك في خلق حماري وخادمي)

«...осори онро дар рафтори улоғам ва ходимонам мебинам».

## 5. Душвориву сахтиҳо дар умур.

Ба ҳеҷ коре рӯй намеоварад, магар инки дарҳоро ба рӯйи худ баста меёбад ё инки душвориву сахтӣ мебинад. Ҳар кас, ки парҳезгорӣ ва тақвои

Аллоҳро пеша кард, ҳатман умури ӯро саҳлу осон менамояд, ва ҳаркӣ тақвои Аллоҳро муъаттал кардаву амал намекунад, умури ӯро душвору гарон хоҳад кард.

Бисёр аҷиб аст! Чӣ тавр бандае дарҳои хайру масолеҳро ба рӯйи худ баста ва роҳҳоро ба рӯяш душвору вазнин мебинад, вале намедонад, ки асли мусибат ва бало аз куҷо ҳаст!?

**6. Зулмат ва торикие, ки ҳақиқатан дар қалби хеш меёбад.**

Зулмат ва торикие, ки онро мисли торикии шабҳои тор дар қалби хеш эҳсос мекунад. Зулмати гуноҳ барои қалби ӯ мисли зулмати ҳиссӣ барои чашмонаш мегардад.

Тоъат ва фармонбардорӣ нур аст, ва гуноҳ зулмат аст. Ва ҳар қадар, ки ин зулмат ва торикӣ қувват бигирад, ҳамон қадр ҳайраташ афзуда мешавад, то инки ба бидъатҳо ва гумроҳиҳо ва умури ҳалоккунанда меафтад, бидуни онки эҳсос кунад. Мисли нобиное ки дар зулмати шаб берун омадааст ва танҳо роҳ меравад. Ва ин зулмат он қадар қувват мегирад, ҳатто ки дар чашмонаш намудор мешавад, сипас қавитар мешавад то инки бар рӯй намудор шавад ва рӯйро сиёҳ кунад, ки ҳамагон онро мебинанд.

Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) мегӯяд:

إنّ للحسنة ضياءً في الوجه، ونورًا في القلب، وسعة في الرزق، وقوةً في البدن، ومحبةً في قلوب الخلق. وإنّ للسيئة سوادًا في الوجه، وظلمةً في القلب، ووهنًا في البدن، ونقصًا في الرزق، وبغِضةً في قلوب الخلق

**«Амали некӯ равшание дорад дар рӯй, ва нуре дорад дар қалб, ва фарохие дорад дар ризқу рӯзӣ, ва қуввате дорад дар бадан, ва муҳаббате дар қулуби мардум нисбати некӯкор. Ва амали бад (гуноҳ) сиёҳие дорад дар чеҳра, ва зулмате дар қалб, ва сустиву нотавоние дар бадан, нақсу камбуде дар ризқ, буғзу кароҳат дар қулуби мардум нисбати гунаҳкор».** *(Ва мисли ин сухан ривоят шудааст аз Ҳасани Басрӣ, Молик ибни Динор ва Иброҳим ибни Адҳам ва Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳум аҷмаъин), нигар: «Доъ ва давоъ»-ро бо таҳқиқи Муҳаммад Аҷмал Ислоҳӣ).*

### 7. Гуноҳ тану ҷонро сусту нотавон месозад.

Сусту нотавон сохтанаш қалбро амри зоҳир аст, балки маълум аст, ки ба ҳадде заъифу нотавонаш месозад то инки оқибат ҳаёташро комилан барҳам занад. Ва аммо нотавон ва заъиф сохтанаш баданро ин аст, ки муъмин қувваташ аз қалбаш мебошад, ва ҳар қадар ки қалбаш қувват гирифт, ҷисмаш низ ҳамин қадр қувват хоҳад гирифт.

Ва аммо фоҷир (инсони гунаҳкор), ҳарчанд ки ҷисми қавӣ дорад, дар вақти ҳоҷат ва зарурат заъифтарин чиз аст, ва дар вақти эҳтиёҷ қуввати ӯ, ӯро хиёнат хоҳад кард. Андеша намо қуввати ҷисми (ҷанговарони) форсу румро, ки чӣ тавр дар вақти ҳоҷат қуввати эшон бар онҳо хиёнат кардаву аҳли имон бо қувваи қалбу ҷисми хеш эшонро мағлуб сохтанд!

**8. Маҳрумият аз тоъату бандагӣ.**

Агар гуноҳ ҷазову уқубате ҷуз ин надошта бошад, ки гунаҳкорро аз тоъат боз медорад, ва роҳро бар тоъатҳои дигар мебандад, ва роҳи тоъатҳои саввуму чаҳорум ва ғайраҳо аз ӯ баста мешавад, (кифоя буд барои тақбиҳ ва мазаммат ва тарки гуноҳ).

Аз сабаби гуноҳ тоъату бандагиҳои бешуморереро аз даст медиҳад, ки ҳар яки он барояш беҳтар аз ин дунё ва ҳар онҷӣ, ки бар он аст, мебошад.

Ҳоли ин гуна инсон мисли шахсе ҳаст, ки хурокеро тановул кардааст, ки ӯро бемории тулонӣ муҷиб шуда, ва ин бемории тулонияш ӯро боз доштааст аз хӯрдан ва тановули чандин хурокаҳои беҳтар аз он хурока. Аллоҳул-мустаъон! ».

*(Ибни Қаййими Ҷавзӣ, «Дарду дармон», фасли – Авоқиби қабиҳаи маъсиятҳо, саҳ. 59).*

(ИДОМА ДОРАД — Биизниллоҳ…)